# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи: «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология-таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ)

Интихоби мавзӯъ “Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ” аз он лиҳоз хеле муҳим ва мубрам ба шумор меравад, ки дар замони Истиқлолият таваҷҷӯҳи миллату давлат бо сарварии Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши мероси ганиву гаронбаҳои миллат ва эҳё гардонидани касбу ҳунарҳои мардумӣ хоса бештар гардидааст. “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардидани солҳои 2019-2021 аз ҷониби Сарвари кишвар бурҳони қотеест бар бар аҳамияту зарурият ва мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи муаллифи рисолаи мазкур.

Рисола муҳимтарин масъалаҳои методикаи такмили технологияро дар корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ фаро гирифта, дар он муаммоҳои ин ҳунари волои тоҷикӣ равшан ва возеҳ баррасӣ гардидааст. Муаллиф моҳият ва мазмуни санъату ҳунари гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикро бо методи омӯзишу иҷроиши он таҳқиқ кардааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар доираи талаботҳои муқарраргардида таҳия шудааст. Дар қисмати мубрамияти мавзӯи таҳқиқот тавонистааст, ки бо далелу бурҳонҳои муътамад мавзӯи омӯхташавандаро илман асоснок намояд.

Вазифаҳои дар таҳқиқот муайяншуда ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда пурра ба мақсад мувофиқат буда, арзиши илмии корро таъмин мекунанд. Ин далелро асосноккунии натиҷаҳои таҳқиқот, истифодабарии методҳои таҳлили мантиқӣ, таърихӣ, системавӣ ва муқоисавӣ зимни таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масъалаи мазкур тасдиқ менамоянд.

Новобаста аз дастовардҳо, бозёфту аслияти далелҳои илмӣ кори диссетратсионии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна аз камбудиҳои имлоиву техникӣ орӣ нест, ки онҳоро маслиҳатҳои тавсиявӣ номидан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва аслияти волои кори диссертатсионӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро инкор намекунанд. Кори диссертатсионӣ пурра анҷомёфта ҳисобида шуда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

Хулоса диссертатсия дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология-таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои физикаю математика, профессори
кафедраи методикаи таълими физикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

______________________________ Комилӣ Абдулҳай Шарифзода

12 декабри 2019
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
E-mail: akomili2006@mail.ru

Имзои А.Ш.Комилиро тасдиқ мекунам

Сардори Шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав Амиршоев А.А.